**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

**Тақриз ба автореферати диссертатсияи Лутфулоев Мазбутҷон Дадоҷонович дар мавзуи “Хусусиятҳои рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ (дар мисоли шаҳри Хуҷанд)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 - Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) пешниҳод шудааст**.

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Ба ҳамагон маълум аст, ки дар татбиқи самараноки ҳадафҳои стратегӣ ва дурнамои рушди иқтисодиёти кишвар дар қатори дигар соҳаҳо, бахши савдои чакана низ мавқеи махсусро ишғол менамояд, ки бахши муҳими соҳаи хизматрасонӣ ва омили назарраси таъмини бозори истеъмолии кишвар бо молу хизматрасонӣ мебошад. Савдои чакана ҳамчун сарчашмаи ворид гардидани воситаҳои пулӣ барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат карда, ба устувории вазъи иқтисодию молиявӣ дар кишвар замина мегузорад.

Дар шароити равнақ ёфтани иқтисоди рақамӣ, рушди савдои чакана бо татбиқ ва истифодаи технологияҳои рақамӣ алоқаи ногусастанӣ дорад. Дар ҷаҳони муосир рақамикунонӣ суръати баландро соҳиб шуда истодааст. Вобаста ба ин, субъектҳои савдои чаканаро зарур аст, ки вазифаҳои дигарро низ барои истифодабарии имкониятҳо ва дурнамоҳои нави дар пеши онҳо истода, ҳал кунанд. Барои бо афзалиятҳои истеъмолкунандаи муосир мутобиқ шудан ва дар бозор рақобатпазир будан аз корхонаҳои савдо ворид ва истифодабарии технологияҳои муосир талаб карда мешавад, ки ин рақамикунонии соҳаҳои иқтисодиётро ифода менамояд. Аз ин рӯ мавзӯи интихобнамудаи таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ хеле мубрам ва саривақтӣ мебошад.

**Навгониҳои асосии илмии таҳқиқоти муаллиф зеринаид:**

- Дар асоси тавсифи адабиётҳои гуногун мавҳуми “савдои чакана” ва “иқтисоди рақамӣ” аниқтар карда шудааст. Ба андешаи муаллиф, зери мафҳуми иқтисоди рақамӣ дар савдои чакана фаъолияти иқтисодие фаҳмида мешавад, ки дар асоси технологияҳои рақамӣ ва ѐ қарорҳои рақамӣ, инчунин ташаккули бозорҳои виртуалӣ, савдои электронӣ, хазматрасониҳо ва пардохтҳои электронӣ амалӣ мегардад;
- Бо истифода аз усулҳои мухталифи таҳлили иқтисодӣ, арзѐбии тамоюли рушд ва рақамикунонии равандҳои корӣ дар субъектҳои савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд амалӣ гардидааст. Муайян карда шудааст, ки ҷараѐни рақамикунонӣ дар субъектҳои савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд доираи маҳдуди марказҳои нисбатан бузурги савдо ва равандҳои маҳдуди онҳоро фарогир мебошад. Дар ин ҷода муаллиф хусусиятҳои рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ муайян намудааст.
- Самаранокии истифодабарии иқтисоди рақами дар соҳаи савдои чакана дар мисоли якчанд супермаркетҳо муайян карад шудааст, ки ин мумбрани амалии мавзӯи илмиро боз ҳам асосонок кардаст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот ва ҳалли муаммои илми мавзӯ дар:**

- омухтани адабиётҳои зиёди ватанию хориҷӣ ва тавсифи онҳо;
- муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, дар асосноккунии номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли ин масъалаҳо;
- пешниҳод ва амалӣ намудани муқаррарот то марҳилаҳое, ки истифодаи онҳоро барои такмил ва рушди савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд дар шароити рақамикунонӣ имконпазир мегардонад.

Қобили зикр аст, ки дар рисола самаранокии истифодаи иқтисоди рақами ҳам дар байни муносибати бозоргони дар савдои чакана, инчунин самти идоракунии ин соҳа муайян карда шудааст.

Аз автореферати такризшаванда бармеояд, ки муаллиф микдори зиёди мақолаҳоро дар маҷаллаву конфронсҳо интишор намудааст.

Диссертатсияи Лутфуллоев М.Д.-ро умуман мусбат арзёбӣ намуда, бояд зикр намоем, ки бартараф сохтани камбудиҳои зерин метавонист арзишмандии корро бештар намояд:

1. Муаллиф дар автореферати диссертатсия накши савдои чаканаро дар таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар инъикос накардааст, дар ҳоле ки ин масъала дар шароити муосир хеле муҳим ба ҳисоб меравад.

2. Дар автореферат таҷрибаи хориҷии рушди бозори савдои чакана бо дарназардошти татбики технологияҳои рақамӣ дида баромада шудааст, аммо омӯзиши таҷрибаи ҷумҳуриҳои ҳамҷавор кам ба назар мерасад.

Умуман камбудиҳои қайд кардашуда баҳои умумии рисоларо паст намекунад, диссертатсияи мазкур кори илмию тахассусии мантикан баитмомрасида ба шумор рафта, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Лутфулоев М.Д. барои додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иктисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 - Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) сазовор мебошад.

**Доктори илмҳои иқтисодӣ, Арбоби шоистаи илм ва техникаи ҶТ, профессори кафедраи иқтисоди муҳандисӣ ва менеҷменти ДПДТТ ба номи академик М.Осимӣ** **Назаров А.А**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд,кӯчаи Ленин, 226
Тел: +992927074971 e_mail: anazarov mtm@rambler.ru

*"Имзои д.и.и., профессор НазаровА.А.-ро тасдиқ менамоям".*

Мудири шӯъбаи кадрҳои ДПДТТ
ба номи академик М.Осимӣ дар ш.Хуҷанд Ёқубова М.А.